## ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи номзадии Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи «Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2024. – 167 саҳ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Миллати тоҷик яке аз миллатҳои бузурги дунёст, ки аз қадим қалам дар даст доштаву менавишт ва осори бузурге офаридааст, ки на танҳо тоҷикон, балки оламиён аз онҳо мустафид гаштаанд. Ин осор тавассути назму наср дар жанрҳои гуногун эҷод шуда, масъалаҳои гуногуни илмӣ-фарҳангӣ ва сиёсиро фаро мегиранд, ки дар дарозои таърих роҳнамои башарият будаанд, ки ба давраҳо тақсим мешаванд ва ҳар як давра хусусиятҳои худро дорад. Яке аз давраҳои бисёр муҳим барои забону адабиёти миллати тоҷик ба истилоҳ замони баъд аз Инқилоби Октябрии болшевикӣ мебошад, ки онро бидуни номи сардафтари адабиёти навини тоҷик устод Садриддин Айнӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Устод Садриддин Айнӣ ба унвони нозиму носири беҳамто, олими забардасти соҳаҳои забоншиносию адабиётшиносӣ, луғатшиносу луғатнигор, муҳаққиқи таърихи забону адабиёт, матншиносу муҳарриру мусаҳҳеҳи забардаст, публитсисти барҷаста, муаллиму мударриси беҳамто ва аз адибони бузурги равоншиносест, ки дар тарбияву таълими ҳазорон нафар саҳм доранд. Албатта, мусаллам аст, ки нисбат ба фаъолияти гуногунҷабҳаи чунин як адиби забардаст, донишмандони ватанию хориҷӣ бетафовут набудаанд. Ин аст, ки масъалаи таҳқиқи илмии осори устод Айнӣ аз замони дар ҳаёт буданашон диққати донишмандонро ҷалб карда буд ва то имрӯз идома дорад.

Масъалаи нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ аз масоили муҳимми илмиест, ки таҳқиқи илмии он барои нишон додани як паҳлуи муҳимми фаъолияти устод Айнӣ мусоидат мекунад. Дар ин замина, дар шакли кори диссертатсионӣ анҷом додани масъалаи мазкур аҳаммияти калони илмӣ дошта, саҳифаи наверо дар айнишиносӣ боз менамояд. Доир ба ин масъалаи мубрами илмӣ унвонҷӯ Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи «Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ» диссертатсияи номзадӣ пешниҳод намудааст, ки бешубҳа ба самти забоншиносӣ, махсусан, ба бахши забони

тоҷикӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пурра мувофиқ аст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Аз фаъолиятҳои пураҳаммияти устод Садриддин Айнӣ муҳарририи эшон аст, ки тавассути он барои рост кардани дасти даҳҳо адиби давр хизмат кардааст. Ин масъала диққати олимони зиёдеро ҷалб карда, доир ба он асару мақолаҳои мутааддиде таълиф гардидааст, ки ҷанбаи адабиётшиносӣ доранд.

Ҷанбаҳои забоншиносии фаъолияти муҳарририи асарҳои бадеӣ кори бисёр заҳматталабест, ки ба ҳар кас муяссар намегардад. Маҳз устод Айнӣ барин донишмандон метавонанд дар таҳрири осори адибони хурду бузург саҳим бошанд ва барои беҳтар кардани навиштаҳои онҳо мусоидат кунанд. Баррасии фаъолияти устод Садриддин Айнӣ дар самти муҳарририи асарҳои бадеӣ кори таъхирнопазир бошад ҳам, то имрӯз ба ин масъалаи муҳимми илмӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир нашудааст ва аз тарафи Алиева Ҷамила Файзовна таваҷҷуҳ шудан ба ин масъала кори хайр мебошад. Ин кори нахустини диссертатсионӣ доир ба масъалаи мазкур буда, ҷиҳати бозкушоии фаъолияти таҳрири забонии асарҳои бадеӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ **мубрам арзёбӣ** мегардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аз баррасии унвонҷӯ аён мегардад, ки кори муҳарририи устод Айнӣ барвақт сар шудааст ва ба ин масъалаи муҳим вақти зиёди худро сарф мекардааст, зеро дар давраи нави тараққиёти забонамон, ки сиёсатҳои давр ҳам тағйир ёфта буданд, барои фаҳмою нишорас будани масоили дар матбуот ва ё тавассути асарҳои бадеӣ ба мардум пешниҳодшаванда дасти пурқуввати муҳаррирӣ зарур будааст. Қисми зиёди ин кор дар нимаи аввали қарни бист ба дӯши устод Садриддин Айнӣ буд. Устод Айнӣ бо чанд афзалият бар ҳамаи адибони замон ҳаққи муҳаррирӣ доштанд. Аввал ин, ки аз ҳамаи онҳо таҷрибаи калони навишторӣ доштанд. Дуюм, аз хазинаи луғавии адабиёти нафисаи миллати тоҷик хабардор буданд. Сеюм, хусусиятҳои сарфию наҳвӣ ва овоии забонро хуб медонистанд ва луғатшиноси мумтоз буданд. Дар давраи тараққиёти нави ҳаёти адабӣ носирону нозимони зиёде, ки ба саҳнаи адабиёт қадам ниҳодаанд, ба тахрирҳои устод Айнӣ ва маслиҳатҳои эшон ниёз доштанд. Ин ниёзмандӣ боиси он шудааст, ки вақти зиёди устод ба ин масъалаи муҳим бахшида шавад. Ин тарафи фаъолияти устод диққати унвонҷӯ Алиева Ҷамила Файзовна ба худ ҷалб карда, доир ба таҳрири забонии осори адибони давр (аз қабили А.Лоҳутӣ, Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, П. Толис, Р. Ҷалил) диссертатсияи номзади пешниҳод кардааст, ки рисолаи сифатан **нави илмӣ** ба шумор меравад.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз муҳтавои кори диссертатсионӣ сарчашма мегиранд ва мазмуну муҳтавои корро ифода мекунанд. Дар баробари таҳқиқи таҳрирҳои забонии осори адибон масъалаҳои назариявии масъала низ диққати унвонҷӯро ҷалб карда, андешаҳои донишмандонро мавриди баррасии илмӣ қарор додааст, ки аҳаммияти зиёди илмӣ доранд ва нукоти муҳимме ба шумор мераванд, ки муҳаққиқ дар бобҳои диссертатсия матраҳ намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Масоили нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забонии асарҳои бадеӣ ва публитсистии адибон дар кори илмӣ асоснок гардидаанд, ки онҳо аз таҳрири осори назмию насрии адибон маншаъ гирифта, дар рушду камоли забони адибон ва ислоҳи осори тарҷумашудаи бадеӣ ва дар маҷмуъ дар ташаккули адибони гуногун кори шоиста ба шумор меравад.

Дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия масъалаҳои гуногун алоқамандона мавриди баррасӣ қарор гирифта хулосаҳои мантиқии ба кор алоқаманд манзур гардидааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо бо он вобастааст, ки диссертатсия бар мабнои корҳои назариявии донишмандони ватанию хориҷӣ ва маводи таҳриршудаи С. Айнӣ аз осори адибони гуногун муназзам гардидааст. Маълумоти дар диссертатсия пешниҳодшуда равшану дақиқ ва боварбахш ба назар мерасад ва бо усулу равишҳои муносиби илмӣ матаҳ гардидаанд. Коркарди кори диссертатсионӣ, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқ ва микдори мақолаҳои чопшуда шаҳодати эътимоднокии кори диссертатсионӣ мебошад.

Хулосаи кори диссертатсионии Алиева Ҷамила Файзовна дар 10 банд танзим шуда, мазмуну муҳтавои асосии корро фаро мегиранд. Тавсияҳо дар 4 банд пешниҳод шудаанд, ки ҷанбаи истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ буда, амалишавиашон воқеӣ мебошад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Диссертатсияи пешниҳодкардаи Алиева Ҷамила Файзовна, ки ба таҳқиқи таҳрири забонии асарҳои бадеӣ ва публитсистии адибон бахшида шудааст, бешубҳа, аҳаммияти калони илмию амалӣ дорад. Дар диссертатсия бори нахуст дар забоншиносии тоҷик ба масъалаи таҳқиқи фаъолияти муҳарририи устод С.Айнӣ иқдом намуда, бо истифода аз фикру андешаҳои зиёди донишмандон баррасии таҳрирҳои мутаддиди асарҳои адибон бо диди нави илмӣ сурат гирифтааст. Муҳаққиқ ба баррасии таҳрирҳои адибон аз тарафи устод Айнӣ дар алоҳидагӣ муносибат намудааст, ки барои баланд шудани моҳияти кор

мусодат карда, нишонаи кори сифатан нави илмӣ буда, заминаи муътамади аҳаммияти илмии диссертатсияро таъмин намудааст.

Бешубҳа, масоили илмӣ-назариявии дар кори диссертатсионӣ пешниҳодшуда, натиҷаҳои бадастомада, роҳу усулҳои корӣ ва интишорот намуна буда, барои таҳияи рисолаҳои монанд ёрӣ расонидан метавонанд.

Арзиши амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаи диссертатсия барои адибони навқалам ва мутахассисоне, ки ба таҳрири адабӣ машғуланд, бисёр заруранд. Дар баробари ин, диссертатсия барои омӯзиши корҳои таҳриргарӣ, таҳияи лексияҳо дар масоили гуногуни марбут ба таҳрири бадеӣ ва хондани дарсҳои махсуси муҳаррирӣ муфид арзёбӣ мешавад.

**Қисмати асосии таҳқиқ**. Кори диссертатсионии Алиева Ҷамила Файзовна аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия дар ҳаҷми 167 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод гардидааст. Бобҳо ба масоили муҳимми илмӣ бахшида шуда, фаслҳои онҳо мазмуну муҳтавои бобҳоро ифода мекунанд. Равишҳои мувофиқи илмӣ дар таҳқиқ марбут ба масоили матраҳшаванда буда, дар бобҳо ва зербобҳо барои муайян шудани мақсади асосии кор аз мисолҳои фаровони илмию назариявӣ истифода шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия чун анъана мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарию методологӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор мутобиқи талабот шарҳ ёфтаанд. Масоили пешниҳодшуда равшан ва мукаммал мебошад.

Кори диссертатсионӣ мақсаду вазифаҳои мушаххаси илмӣ дошта, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда барои муайян сохтани фаъолияти муҳарририи устод С.Айнӣ дорои аҳаммияти хос мебошанд.

**Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ ва амалии таҳрири адабӣ»** ном дошта, аз 7 фасл иборат мебошад. Дар фаслҳои ин боб масоили марбут ба маънишиносии таҳрир, адабиёти бадеӣ ва муҳаррирӣ, тарзу меъёрҳои арзёбии асар ё матни адабӣ, равиш ва усулҳои кори муҳарририи асарҳои бадеӣ, хусусиятҳои таҳрири жанрҳои адабӣ, кори муҳаррирӣ ва нашри осори бадеии классикон ва, ҳамчунин, таърихи таҳрири адабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар фаслҳои ин боб асару мақолаҳои илмие, ки аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ доир ба таҳрири бадеӣ мавҷуданд, таҳқиқ шуда, аҳамияти илмии онҳо муайян гардидааст. Ҷанбаҳои маъношиносии таҳрири адабӣ, мафҳуми истилоҳии он ва гурӯҳбандии навъҳои таҳрири фаъолияти муҳаррирӣ тавсиф гардидаанд.

Ҳамчунин, тарзҳо ва сабабҳои ба таҳрир ниёз доштани асарҳои бадеӣ бо мисолҳои мушаххас ва мантиқӣ муайян шуда, қисматҳои гуногуни таҳрир мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

**Боби дуюми диссертатсия «Фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ»** номгузорӣ шуда, аз 5 фасл иборат мебошад. Ин боб яке аз бобҳои муҳимми кори диссертатсионӣ буда, аз муҳаррири барҷастаи забони асарҳои бадеӣ будани устод Айнӣ дарак медиҳад. Ба таври шоиста доир ба фаъолияти таҳриргарии устод Айнӣ дар манзари танқиди адабӣ баррасӣ анҷом гирифта, аз нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори худи нависанда таҳқиқ анҷом мегирад. Дар идомаи таҳқиқ мукотиботи устод Айнӣ ва устод Абулқосим Лоҳутӣ ва дар ин замина ба ҳамдигар пешниҳод намудани асарҳои ҳамдигар баррасӣ шуда, аз таҳрирҳо ва маслиҳатҳои ҳамдигар мустифид шудани онҳо баҳс сурат гирифтааст, ки намунаи барҷастаи ҳамкориҳои ду симои барҷасти миллати тоҷик дар самти таҳрири забони асарҳои бадеӣ ҳисобида мешавад. Дар фасли баъдии ин боб масъалаи аз тарафи устод С.Айнӣ таҳрири забонӣ намудани асари "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, ки яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти классикӣ шинохта шудааст, таҳқиқ мегардад, ки ин самти фаъолияти устод Айниро чун як мактаби таҳрири адабӣ метавон шумурд. Баррасии таҳрири осори тарҷумашуда анҷомбахши боби мазкур мебошад, ки ин гуна таҳрирҳо наметавонист диққати устод Айниро ҷалб накунад. Аз таҳқиқи унвонҷу ба хулосае омадан мумкин аст, ки устод С.Айнӣ тамоми осори аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷумашударо хонда, аз ҷиҳати норасоиҳои маъноӣ, ғалатҳои услубӣ, иштибоҳоти мантиқӣ, бесарунӯгии ҷумлаҳо, истифодаи иборҳои рехта, таркибот ва фразеологизмҳо таҳрири забонӣ кардаанд, ки саҳми бузурги эшонро дар суфта сохтани забони ин осор нишон медиҳад. Ҳамчунин, устод Айнӣ зимни таҳрир калимаю иборотро аз нигоҳи низоми забонӣ, қоидаву қонунҳои сарфию наҳвӣ, истифодаи дурусти феълҳои ёвар бо исмҳо таъкид кардааст. Унвонҷӯӣ саҳми устод Айниро дар таҳрирҳои забонии аз тарафи мутарҷимон пешниҳодшуда дар сатҳи бисёр хуб таҳқиқ карда, мактаби бузурги соҳа будани фаъолияти Садриддин Айниро ба тасвиб мерасонад.

**Боби сеюми диссертатсия «Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори нависандагони тоҷик»** ном дорад ва аз 4 фасл иборат аст. Дар фаслҳои ин боб нақши устод Айнӣ дар таҳрири забонии осори Ҷалол Икромӣ, Сотим

Улуғзода, Пӯлод Толис ва Раҳим Ҷалил баррасӣ мешавад. Таҳрири осори адибони ҷавони ҳамон замон аз тарафи устод Айнӣ ба манфиати камолоти эҷодии онҳо будааст. Дар диссертатсия порчаҳои таҳриркардаи осори адибони мазкур бо тартиби муайян оварда шуда, саҳми устод Айнӣ дар камолоти онҳо матраҳ мешавад. Иштибоҳоте, ки устод Айнӣ пайгирӣ кардаанд, ба масъалаҳои мазмуни пайдарҳамии тасвири ҳодисаю воқеаҳо дар асарҳо, мантиқӣ будани матлаби пешниҳодшуда, дурустии мазмуну муҳтаво, услуби баён, банду басти асари бадеӣ, шеваи тасвири шахсиятҳо, қаҳрамонон, персонажҳо, муносибат ба забони адабӣ ва истифодаи шеваҳо, нақши калимаҳои рехтаю фразеологизмҳо, дурӣ ҷустан аз калимаю таркибҳои нофаҳмо дар асарҳои адибон будааст. Муносибати устод Айнӣ ҳам инфиродӣ ва ҳам умумӣ будааст, ки назар ба таҳқиқи унвонҷӯ, иштибоҳи яке аз адибони ҷавонро дар ҳузури адибони дигар баён мекардааст, ки барои дигарон дарс шавад. Ин аст, ки мактаби муҳарририи устод Айнӣ самараи хуб дода, имрӯз осори гаронмояе аз замон дар даст дорем.

**Хулосаи диссертатсияи** Алиева Ҷамила Файзовна андешаҳои ҷамъбастии муаллиф буда, тавре ки гуфта шуд, дар 10 банд оварда шудаанд ва дар охири ҳар банд мансубияти хулосаи пешниҳодшударо ба мақолаи чопгардида дар қавсайн нишон медиҳад, ки аз коркардаи андешаҳои муаллиф дарак медиҳад. Аз хулосаҳо маълум мегардад, ки унвонҷӯ масъалаҳои матраҳшударо ҳазм намудааст ва онҳоро барои хонанда дуруст пешниҳод карда тавонистааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯӣ 7 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ чоп шудаанд. Мақолаҳои интишоргардида мазмуну муҳтаво, натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Алиева Ҷамила Файзовна ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Мазмуну моҳияти диссертатсия ба мавзуи кори илмӣ мувофиқ мебошад ва аз тарафи унвонҷӯй мустақилона нигошта шуда, масъалагузориҳо дуруст ва пайи ҳам сурат гирифта, мантиқи муносиби илмӣ доранд. Масоили матраҳшуда хусусияти илмӣ дошта, дар онҳо навовариҳо дида мешаванд, услуби муносиби таҳқиқотӣ пайгирӣ шуда, пешниҳоду тавсияҳои амалӣ, масоили ба ҳимоя пешниҳодшуда, шарҳу тавзеҳи масъалаҳо, истифодаи осори илмӣ ва фарҳангномаҳо ба талабот ҷавобгӯ буда, гувоҳи саҳми хуби шахсии диссертант дар таҳқиқ ба шумор меравад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари ҳасаноти илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудию норасоиҳо ба чашм расид, ки овардани онҳоро бо нияти беҳбудии корҳои ояндаи унвонҷӯй зарур донистем:

1. Ба назар чунин мерасад, ки унвонҷӯй ба таҳрири адабӣ чунон ғӯта задааст, ки дар қисме аз саҳифаҳо на ба баррасиҳою таҳрирҳои забонӣ, балки ба матншиносӣ наздик шудааст. (саҳ.36-37, 5-60, 79-80-и диссертатсия ва ғ.)
2. Дар саҳифаҳои диссертатсия иқтибосот аз асарҳои адабиётшиносон нисбат ба асарҳои забоншиносон зиёдтар шудааст, дар ҳоле ки кор ба забон мансуб аст.
3. Дар кори диссертатсионӣ дар фасли 2.4, ки ба масъалаи "С.Айнӣ ва таҳрири забони осори классикон" бахшида шудааст, танҳо таҳрири забонӣ асари "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ сурат гирифтааст. Хуб мешуд, ки ҳадди ақал ду намояндаи дигари адабиёти классикӣ ҳам дар шакли кутоҳ баррасӣ мегардид.
4. Баъзан, дар қавсайн номи муаллифон ва ё асарҳо дар шакли пурра оварда мешавад, ба мисли [Кӯчаров: 1994, 47] ва гоҳи дигар дар шакли ихтисорӣ, ба мисли [Д., саҳ. 27; Д., саҳ.271] (диссертатсия саҳ. 6-7; 87-88). Истифодаи як усул ба манфиати кор буд.
5. Хуб мешуд, ки иқтибос аз андешаҳои олимон бевосита аз осори худи муаллифон гирифта мешуд. Ҳолатҳои аз муаллифи дигар овардани иқтибосҳо ба назар мерасад (саҳ. 26, 77).
6. Дар кор баъзе ихтисораҳо мавҷуд бошанд ҳам, рӯйхати онҳо оварда нашудааст (саҳ. 11, 16, 88).
7. Дар диссертатсия ғалатҳои услубию китобатию имлоиву техникӣ дида мешавад (саҳ. 4, 7, 12, 17, 21, 25, 30, 36, 38, 63, 72, 75, 81, 85, 92, 94, 97, 107, 131, 139), киислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад будбуд.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ доранд, ба моҳияти баланди илмии диссертатсия таъсир расонида наметавонанд. Агар зарур донанд, онҳоро зимни нашри монография ислоҳ менамоянд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия дар асоси равишҳои муайяни илмӣ ва услуби мувофиқ таҳия шуда, қисматҳои кор бо риояи мантиқи ягонаи илмӣ, пайдарҳам таҳқиқ гардидаанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ дар мавзуи кори диссертатсионӣ ба табъ расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Дар маҷмуъ кори диссертатсиониро анҷомёфта меҳисобам.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯй ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мебошад.

Коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, истифодаи амалии онҳо, нашри таълифоти илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса,** диссертатсияи номзадии Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи «Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
муовини раиси Кумитаи забон
ва истилоҳоти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло
«28» марти соли 2024

Нишонӣ: 734018,, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н.Қарабоев,
бинои 84/4, хонаи 22
Тел.: дастӣ: (992) 919 00 21 78
E-mail: saxidodi@list.ru

Имзои С.Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам.
Мудири бахши умумӣ

ва масъули хадамоти кадрӣ Абдуллоев Шариф
«28» марти соли 2024

**Нишонӣ**: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25,
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: +992 (37) 227 59 38; +992 (37) 227 78 29
Сомонаи муассиса: www.kumitaizabon.tj
**E-mail**: kumitaizabon@mail.ru.